آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

27 ноябри соли 2024 Чоршанбе № 95 (15106)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ТАҚДИМОТИ ҶАРАЁНИ ТРАНСФОРМАТСИЯ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ БАРГУЗОР ГАРДИД

Президент Шавкат Мирзиёев 26 ноябр бо тақдимот дар бораи рафти ҷараёнҳои трансформатсионӣ дар ширкатҳои давлатии соҳаҳои роҳи оҳан ва авиатсия шинос гардид.

Дар соҳаи нақлиёт чӣ аз назари самаранокии иқтисодиёт ва чӣ аз назари мусоидат барои аҳолӣ бозсозиҳои доманфарох ба вуқӯъ мепайванданд. Дар таркиби ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» 6 корхонаи мустақил таъсис ёфтааст. 1200 вагони нави боркаш харид гардида, вақти расондани бор дар самтҳои дохилии мамлакат ду баробар коҳиш ёфтааст.

Дар натиҷаи рақамисозӣ ҷараёни фармоиши вагон аз 7 то 3 марҳала кам карда шуда, барои иҷрои он вақт аз 72 соат то 12 соат ихтисор гардид. Иқтидори убури поездҳо дар атрофи Тошканд 30 фоиз афзуд. Ҷамъияти саҳҳомие, ки қаблан бар зарар кор мекард, соли ҷорӣ дар ҳудуди 30 миллиард сӯм фоида ба даст хоҳад оварад.

Дар ширкатҳои ҳавопаймоӣ низ пешравӣ ба назар мерасад. Миқдори парвозҳо дар низоми «Uzbekistan Airways» 25 фоиз зиёд гардид. Ба хатсайрҳои дохилӣ 8 ҳавопаймои нав ҷудо гардида, миқдори парвозҳои дохилӣ то 2,5 маротиба афзуд. Саҳми ширкати миллии ҳавопаймоӣ дар боркашониҳои байналхалқии Осиёи Марказӣ ба 20 фоиз расид. Интизор меравад, ки мусофиркашонии солона аз 6 миллион нафар зиёд хоҳад шуд.

«Uzbekistan Airports» бо хидматрасонии ҳавопаймоҳо, бор ва мусофирон машғул мегардад. Ҷалб намудани сектори хусусӣ ба идора намудани аэропортҳо натиҷаҳои хуб медиҳад. Дар Ӯзбекистон 44 ширкати ҳавопаймоии ҷаҳон парвозҳо анҷом медиҳанд. Имсол ҳаҷми боркашонӣ аз тариқи аэропортҳо, интизор меравад, ки бо 22 фоизи афзоиш ҷамъбаст гардад.

Аммо вазифаҳо ҳанӯз зиёданд. Аҳамияти роҳҳои нақлиётӣ дар шароити муваққаби кунунии вазъияти ҷаҳон боз ҳам меафзояд.

Аз ин рӯ, диверсификатсияи хатсайрҳо, тезондани боркашонӣ ва коҳиш додани нархи аслии хидматрасонии нақлиётӣ муҳим ба шумор меравад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои муҳими самти мазкур муҳокима гардиданд.

– Иқтисодиёт ва робитаҳои савдои хориҷии мамлакатамон сол то сол инкишоф ёфта, даромади аҳолӣ ва зарфияти сайёҳии минтақаҳо боло меравад. Мо дар назди худ мақсад гузоштаем, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то соли 2030 ба 200 миллиард доллар расонда шавад. Аз ин рӯ, бояд ба роҳҳои нақлиётӣ эътибори алоҳида нигаронем, – гуфт Президент.

Барои ин шароити ногузири ташкиливу ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешавад. То ҳанӯз соҳаи роҳи оҳан бо қонуне танзим мегардид, ки ҳанӯз 25 сол пеш қабул шуда буд. Таъкид шуд, ки Қонуне, ки имрӯз ба имзо расид – «Дар бораи нақлиёти роҳи оҳан» дар таҳрири нав, барои ҷалби ширкат ва сармояҳои хусусӣ ва инчунин барои рушди инфрасохтор имконоти васеъ фароҳам меорад.

Акнун ба роҳбарони соҳаҳо зарур аст, ки усулҳои кор ва бархурдро барои даст ёфтан ба натиҷаҳо куллан тағйир диҳанд. Дар навбати аввал трансформатсияи соҳаро тезонда, лоиҳаҳои сохтмон ва такмилдиҳиро бо сифат ба амал татбиқ намоянд. Дар байни вазифаҳои муҳим – ба даст овардани рейтинги байналхалқии кредит, ҷалб намудани маблағ бидуни кафолати давлатӣ ва босамар истифода намудани сармоя низ ҳаст.

Роҳҳои ҳавоии Ӯзбекистон ҳанӯз ба дарачае нарасидаанд, ки аҳолиро қонеъ созад. Ба даст овардани рейтинги байналхалқӣ ва баромадан ба бозори молияи хориҷӣ тӯл мекашад. Дар натиҷа нархи аслии баланди хидматрасонӣ имконият намедиҳад, ки нархи арзиши авиабилетҳо коҳиш ёбад. Чорабиниҳо дар заминаи коҳиш додани харҷҳо хеле суст татбиқ мегарданд. Бинобар ин вазифаи таҳияи барномаи мушаххас ва «нақшаи роҳ» оид ба трансформатсия бо ҷалб намудани ширкати консалтингӣ гузошта шуд.

Дар низоми «Uzbekistan Airports» аз ҳама муҳимаш зиёд намудани ҳаҷми хидматрасонии пешниҳодшаванда ва вусъат додани шарикии хусусӣ мебошад. Пас аз ба идораи хусусӣ додани аэропорти Самарқанд теъдоди парвозҳо ва мусофирон 5 маротиба афзуд. Акнун чунин вазифаҳо дар назди аэропортҳои Наманган, Андиҷон, Бухоро ва Урганҷ низ қарор доранд. То охири сол ду маротиба афзудани хидматрасониҳои иловагӣ дар аэропортҳо ва 25 фоиз афзудани даромад ба нақша гирифта шудааст.

Чорабиниҳо оид ба ҷалби захираҳои мустақил аз бозорҳои байналхалқӣ ва пурра истифода намудани терминали аэропорти Навоӣ муайян карда шуданд.

Роҳбари давлат оид ба тезондани рақамикунонӣ дар се ширкати дар ҷамъомад баррасишуда, таҷдиди назар намудани нақшаҳои инкишоф ва баланд бардоштани самарабахшии иқтисодӣ супоришҳо дод.

ЎзА.

Қарор ва иҷро

БОБАТИ ДАСТГИРИИ ИНСОНҲОИ НИЁЗМАНДИ ПАРАСТОР ЧӢ ГУНА КОРҲО АМАЛӢ МЕШАВАНД?

Пиронсолӣ равандест, ки дар инсон боиси эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва эҳсосӣ мегардад. Дар ин ҳолат пиронсолон бештар ҳусни таваҷҷуҳро аз фарзандон ва наздикони худ интизор мешаванд. Ҳамчунин, хабаргирӣ аз ҳолу аҳволи онҳо аз анъанаҳои неки халқи мо ба шумор меравад.

Дар мавриди расонидани кумакҳои моддӣ ва маънавӣ ба шахсоне, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд, ҷойгир кардани онҳо ба марказҳои дастгирии иҷтимоӣ ва расонидани хизматрасониҳои реабилитатсионӣ чӣ гуна корҳо ба амал бароварда мешаванд? Мо дар ин хусус бо директори **Маркази дастгирии иҷтимоии шаҳри Тошканд Фарангиза АКРАМОВА** суҳбат намудем.

– Дар кишвари мо барои фароҳам овардани имконоти зиндагии хуб барои пиронсолоне, ки ба нигоҳубини дигарон ниёз доранд ва самаранок гузарондани вақти шахсони маъюб маҷмӯи хидматҳо расонда мешаванд, – гуфт Ф. Акрамова. – Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 27 декабри соли 2023 «Дар бораи чорабиниҳо барои такмил додани низоми хидматрасонӣ ва кумак ба пиронсолон ва шахсони маъюби ба парастор эҳтиёҷманд» ва қарори Девони Вазирон аз 31 майи соли 2024 «Дар бораи такмил додани фаъолияти марказҳои дастгирии иҷтимоӣ, ки ба шахсони ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷманд хизмат мерасонанд», ба рушди босуръати соҳа мусоидат намуданд.

Маркази дастгирии иҷтимоии шаҳри Тошканд барои 220 ҷой пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои шахсоне, ки ба гурӯҳи истиқоматкунандагони доимӣ дохил мешаванд, 120 ҷой, барои пиронсолону маъюбоне, ки ба нигоҳубини дигарон хидматрасонии статсионарӣ ва барои шахсони пиронсолу маъюби оилаҳое, ки ба Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ дохиланд, 10 ҷой ҷудо шудааст.

Илова бар ин, барои шакли хидматрасонии рӯзона 30 ҷой барои пиронсолону маъюбоне, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд ва 10 ҷой барои пиронсолону маъюби оилаҳое, ки дар Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ қайд шудаанд, ҷудо шудааст. Тибқи тартибот, дар як рӯз ба як нафар дар шакли мобилӣ хизмати иҷтимоӣ ва реабилитатсионӣ расонида мешавад. Айни замон дар марказ барои 90 нафар, ки ба тоифаи истиқоматкунандаи доимӣ дохил мешаванд, барои 57 нафар пиронсолону маъюбони эҳтиёҷманд дар доираи хизматрасонии пулакии статсионарӣ, барои 1 нафар дар шакли рӯзона ва барои 2 нафар дар шакли мобилӣ хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва реабилитатсионӣ пешниҳод мешаванд.

– Марказ боз чӣ гуна хидматрасониҳо пешниҳод мекунад?

– Мо инчунин хидматрасониҳои пулакиро дар шакли статсионарии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин дар шакли рӯзона ва мобилӣ пешниҳод мекунем. Ба шахсоне, ки дар марказ ҷой дода шудаанд, вобаста ба эҳтиёҷ ва хоҳиши онҳо дар бораи мондан ба муддати кӯтоҳ, дароз ё тарки интернат маълумот дода мешавад. Дар марказ, дар асоси таҷриба, тибқи квотаҳо, пиронсолон ва маъюбоне, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд ва дар кишвар доимо зиндагӣ мекунанд, наздикони дарачаи якум доранд дар асоси шартнома ва пулакӣ қабул карда мешаванд.

– Пиронсолон одатан бо ҳунарҳои гуногуни рӯзгор машғул шуданро дӯст медоранд. Дар ин замина, барои онҳо чӣ имконот фароҳам оварда шудааст?

– Дар Маркази дастгирии иҷтимоӣ имрӯз намудҳои гуногуни хидматрасонӣ, аз ҷумла тиббию иҷтимоӣ, маишию иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ-реабилитатсионӣ ва касбӣ-реабилитатсионӣ ба роҳ монда шудаанд. Ҳамчунин, устохонаҳо барои дӯзандагию бофандагӣ, бисер, косибӣ ва сохтани лӯхтак ташкил карда шудаанд. Пиронсолони мо дар ин устохонаҳо мувофиқи хоҳиши худ кор мекунанд.

Маҳсулоти дастии онҳо, ки дар ин устохонаҳо омода шудаанд, дар ярмаркаҳо ва намоишгоҳҳо, инчунин дар бозорҳои ҷаҳонӣ таҳти тамғаи «Маҳсулоти иҷтимоии истеҳсоли Ӯзбекистон» ба фурӯш бароварда мешаванд.

Илова бар ин, китобхонаи марказ бо техникаи компютерӣ, мебел ва ҷиҳозҳои зарурӣ таъмин шудааст. Фонди китобхона зиёда аз се ҳазор китоброро дорост, ки беш аз сесад асари беҳтарини адабиёти миллӣ ва ҷаҳониро дар бар мегирад. Китобхонаи мо бо шабакаи ҷаҳонии иттилоот пайваст аст. Барои шахсони таҳти васоят қарордошта, имкони истифода аз захираҳои электронии Китобхонаи миллии Ӯзбекистон фароҳам оварда шудааст. Дар доираи нақшаҳо вохӯриҳо бо рӯзноманигорон ва аъзои иттиҳодияҳои эҷодӣ баргузор мешаванд.

Ҳамчунин, дар якҷоягӣ бо кормандони Маркази дастгирии иҷтимоии шаҳри Тошканд таблиғоти расонидани хидматҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати иҷтимоӣ ва реабилитатсионӣ ба пиронсолон ва маъюбоне, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд ва ба «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» шомиланд, ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамкорӣ бо кормандони иҷтимоии ноҳияи Олмазори шаҳри Тошканд ба 40 маҳалла, 45 хонадон ва 4 поликлиникаи оилавӣ рафта, корҳои тавзеҳотӣ амалӣ шуданд.

Аз ҷумла, чорабинии «Рӯзи дарҳои кушод» баргузор гардид. Ба ҷойҳои таърихӣ, истироҳатгоҳҳо ва зиёратгоҳҳои кишвар мунтазам саёҳатҳо ташкил карда мешавад. Бо як сухан, дуои пиронсолони ниёзманди ҳимоя ва ғамхории иҷтимоиро гирифтан, хушнудии онҳоро эҳсос намудан ҳаловати дигаре дорад.

Суҳбаторо
Абдулазиз РУСТАМОВ,
мухбири ЎзА.

ИМКОНИЯТҲОИ ИЛОВАГИИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН ТАҲЛИЛ КАРДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 26 ноябр оид ба чорабиниҳои беҳбуди муҳити сармоягузорӣ ва рушди фазои тиҷоратӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар вилояти Наманган ҷамъомад баргузор намуд.

Тайи даҳ моҳи гузашта дар вилоят 681 лоиҳа амалӣ гардида, 21 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис ёфтанд. Маҳсулот бо арзиши зиёда аз 21 триллион сӯм истеҳсол гардид, ки аз он ба маблағи 702 миллион доллар содир карда шуд. Интизор меравад, ки то охири сол иқтисодиёти минтақа 8 фоиз афзоиш ёбад.

Акнун зарур аст, ки ҳадафҳо барои соли оянда муайян шаванд. Ба ин муносибат, гурӯҳҳои корӣ ба ҳамаи ноҳияҳо равона гардида, пешниҳодҳои соҳибкорон омӯхта ва нақшаҳо таҳия мешаванд.

Дар вилояти Наманган имкониятҳо барои татбиқи 182 лоиҳаи нав ба маблағи 527 миллион доллар муайян шудаанд. Масалан, агар минтақаи хурди саноатӣ дар маҳаллаи «Баркамол авлод»-и шаҳри Наманган васеъ карда шавад, метавон корхонаи чармгарӣ ва пойафзолсозиро бо арзиши 60 миллион доллар ҷойгир намуд. Ташкили чунин минтақа дар мавзеи «Наманган»-и ноҳияи Мингбулоқ барои татбиқ сохтани лоиҳаҳои саноатӣ ба маблағи 25 миллион доллар шароит фароҳам меоварад.

Соҳибкор аз ноҳияи Поп дар ҳамкорӣ бо шарикони амрикоӣ пешниҳод кардааст, ки 80 миллион доллар сармоягузорӣ карда, дар як сол 1,8 миллион тонна санги флуоритиро коркард намояд. Дар натиҷа, 200 ҷойи корӣ таъсис ёфта, имконияти содироти маҳсулот ба маблағи 70 миллион доллар фароҳам меояд. Инчунин, як корхонаи дигар изҳори омодагӣ кардааст, ки 40 миллион доллар ба кишти растаниҳои доруворӣ дар 5 ҳазор гектар, истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва ташкили маркази сайёҳӣ сармоягузорӣ намояд.

Дар ин ноҳия, дар заминҳое, ки дастрасӣ ба обҳои зеризаминӣ вуҷуд дорад, имконияти кишти шолӣ, зироатҳои ғалладона, растаниҳои доруворӣ ва хӯроки чорво мавҷуд аст. Дар атрофи чоҳҳои мелиоративии ноҳияи Норин метавон моҳипарвариро ба роҳ монд. Дар Чоркесар, Заркент ва Испарон, бо беҳтар намудани обёрӣ ва ҷудо кардани замин ба чорводорон, имконияти парвариши 100 ҳазор сар чорвои калони шоҳдор ва буз фароҳам меояд.

Ташкили таҳсилоти дуалӣ дар техникуми кишоварзии ноҳияи Янгиқӯрғон якҷо бо маркази картошкапарварӣ ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва истеҳсоли маҳсулоти асосии ғизоӣ мусоидат мекунад. Ба туфайли кооператсия бо хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ метавон парвариши занбӯри асалро дар шароити хона ташкил намуда, барои даромади иловагии аҳолӣ шароит фароҳам оварад.

Дар ҷамъомад ҳокими вилояти Наманган нақшаҳоро оид ба татбиқсозии чунин имкониятҳо пешниҳод намуд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки дар соли 2025 ба вилояти Наманган ҷалби 4,2 миллиард доллар сармоя, таъсис додани 34 ҳазор ҷойи корӣ ва таъмин намудани содирот ба маблағи 1 миллиард доллар пешбинӣ шудааст.

Интизор меравад, ки то охири сол сатҳи камбизоатӣ дар вилоят тақрибан 8 фоиз коҳиш ёбад. Дар соли 2025 то 5,3 фоиз коҳиш додани ин нишондиҳанда ва аз камбизоатӣ раҳо кардани 78 ҳазор нафар ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, дар дохили кишвар бо ҷойи кор таъмин кардани тақрибан 100 ҳазор нафар, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, пешбинӣ шудааст.

Сарвари давлат, пешниҳодҳоро дастгирӣ намуда, дар бораи тақдим намудани лоиҳаи қарор оид ба рушди комплексии иқтисодиёти вилоят дастур дода, аҳамияти дастгирии ташаббусҳои сармоягузорон, фароҳам овардани шароит барои лоиҳаҳо, ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва таъмин намудан бо ҷойи корро таъкид намуд.

ЎзА.

ДАР АНДИҶОНИ НАВ БОҒИ МАСОҲАТАШ 19 ГЕКТАР БАРПО МЕШАВАД

Бо ташаббуси Президенти мо дар доираи лоиҳаи миллии «Макони сабз», ки дар кишварамон амалӣ мешавад, дар вилояти Андиҷон соли ҷорӣ шинондани зиёда аз 15 миллион ниҳоли дарахтони мевадеҳ ва манзаравӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар мавсими баҳор зиёда аз 9,5 миллион ниҳол шинонда шуда, нақша ба 112 фоиз иҷро гардид.

Дар вилоят барои мавсими тирамоҳ шинондани 5 миллиону 780 ҳазор ниҳоли дарахтони мевадеҳ ва манзаравӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон дар тамоми ноҳия ва шаҳрҳо шинондани ниҳолҳо тибқи нақша идома доранд.

Мардуми мо ба анъанаи ибратбахши «Шинондани ниҳол, бунёди боғ – кори хайр ва савоб» риоя намуда, дар ин кори хайр — сабз гардонидани минтақаҳо фаъолона иштирок мекунанд.

Хусусан, имрӯзҳо шинондани ниҳолҳо дар минтақаи Андиҷони нав, ки дар теппаҳои ноҳияи Андиҷон барпо мешавад, бо шиддат идома доранд. Аз ҷумла, бо ташаббуси ҳокими вилоят дар ин минтақа дар масоҳати 19 гектар боғ ташкил мешавад. Дар ин раванд гурӯҳҳои меҳнатӣ ва аҳолии маҳаллаҳо фаъолона иштирок намуда, барои бунёди боғ саҳми худро мегузоранд.

Дар ҳамин рӯзҳо ҷавонони ихтиёрӣ, ки дар ҳаракати миллии мазкур фаъол иштирок мекунанд, бо дастгирии Садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон зиёда аз 2 ҳазор ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва ороиширо ба боғи навбунёд шинонданд.



Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ, хабарнигори ЎзА.
Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

ОБУНА БАРОИ СОЛИ 2025 ИДОМА ДОРАД!

Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни рӯзномаи номвари «Овози тоҷик»!

Индекси обуна 170

Шумо тариқи обуна шудан ба рӯзномаи садсолаи «Овози тоҷик» метавонед тамоми сол:
– беҳтарин хабару гузоришҳоро аз ҳаёти Ӯзбекистон;
– мақолаҳои ҷолибу хонданӣ;
– матолиби таҳлилӣ ва танқидӣ;
– маълумоти муҳим ва мufиди фарҳангиву адабиро мутолиа намоед.



Дӯстони азиз! Ба рӯзномаи дӯстдоштаатон «Овози тоҷик» обуна шуда, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гардидани он саҳм гузоред!

Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.

Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат

Насли ҷавон ё худ кор бо ҷавонон ҳамеша дар маркази эътибор буду ҳаст. Дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» ин масъала мазмун ва моҳияти тоза касб намуд. Чанде пеш роҳбари давлати мо марбут ба соҳаи кор бо ҷавонон ҷамъомади видеоселекторӣ доир намуд. Дар он асосан доири умдатарин масоил сухан ба миён омад, ки дар давоми солҳои охир ҳаллу фасл ёфтаанд. Таъкид ёфт самаранокии корҳо дар ин самт, хусусан дар ҳафт соли охир, хеле эҳсосшаванда аст.

ҲАРАКАТҲО САМАРА МЕБАХШАНД

Фарогирии ҷавонон ба таҳсил, касбомӯзӣ ва таъмини онҳо бо шуғл муҳимтарин вазифаҳоеанд, ки дар ин бобат муташаккилона ба иҷро расонда мешаванд. Ба рақамҳо мурочиат карда, ба ин боварии қатъӣ ҳосил карда метавонем: танҳо аз кредити таълим истифода бурдани 151 ҳазор нафар ҷавонон, пардохти шартномаи 110 ҳазор донишҷӯйи фарзандони оилаҳои камтаъмин, донишгоҳҳои бонуфузи ИМА ва Британиёи Кабирро хатм кардани 50 нафар ҷавонони мо тавассути бунёди «Эл-юрт умиди» ва алъон ба 200 нафар расидани ин гуна толибони илм, дар хориҷ таҳсил кардани бештар аз 110 ҳазор писару духтаронамон ва ҳоказо, ки марбут ба таълими олианд. Танҳо соли равон бештар аз 14 ҳазор беҳтарин донишандӯзони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мактабро бо медалҳои тиллову нуқра хатм намуданд ва аксарияти томи онҳо донишҷӯ шуданд. Дар давоми чаҳор соли охир миқдори медалҳое, ки дар олимпиадаҳои «Панҷгонаи калон» ба даст оварда шуд, ду баробар афзуд.

Дар бобати фарогирии насли ҷавон ба соҳибкориву шуғл низ натичаҳо қонеъкунанда мебошанд. Ба ивази кредите, ки дар доираи барномаҳои «Соҳибкории оилавӣ» чудо карда шудааст, зиёда аз 1 миллион нафар ҷавонони мо соҳиби кор шуданд. Дар 205 «Минтақаи саноати ҷавонон» як ҳазору дусад лоиҳа ба кор андохта шуд. Бештар аз якуним ҳазор нафар соҳибкорони ҷавони мо дар тиҷорат ба самаранокӣ ноил шуда, комёбиҳои назаррас ба даст меоранд, ки гардиши маблағи ҳар кадоми онҳо аз як миллион долар мегузарад.

Таваҷҷуҳи ҷавонони мо вақтҳои охир хусусан ба амиқтар фаро гирифтани физика, кимё, биология, технология, математика барин фанҳо боз ҳам бештар шудааст, зеро онҳо хуб дарк кардаанд барои равнақи «саноати ҷаҳорум» ин фанҳо хеле муҳиманд.

Платформаи ягонаи онлайни лабораторияҳое офарида шудааст, ки ба муассисаҳои таълими олӣ ва вазорату корхонаҳои дахлнок мутааллиқанд. Зиёда аз 50 ҳазор нафар ҷавонони мо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ худро банд кардаанд.

Дари стадионҳо, толорҳои варзишӣ ва китобхонаҳо ба рӯи ҷавонон ҳамеша боз аст. Дар ярмаркаҳои меҳнатие, ки соли равон ташкил карда мешавад, интизор меравад 350 ҳазор нафар ҷавонон шуғли доимии дилхоҳ пайдо намоянд. Барои барқарорсозии солимии ҷавонони ногиро, хусусан духтарбачаҳо ва таъмин сохтани эҳтиёҷи онҳо ба манзил эътибор нигаронида мешавад. Хонакорӣ ё шуғли масофавӣ низ ба ҷавонони имконияти ҷисмониашон маҳдуд имкониятҳои қулай фароҳам меоварад. Духтарони донишҷӯе, ки кӯдаки то сесола доранд, метавонанд аз имкониятҳои таълими масофавӣ истифода намоянд. Президентамон дар мурочиат ба ҷавонони мо мегӯяд: «Барои дар ҳаёт ҷойи муносиб ёфтани шумо минбаъд низ кулли қувва ва имкониятҳоро ба кор меандозем. Шумо боварӣ ва такяи мамлакати мо, бунёдгузори оянда-аамон мебошед».

Ин гуна ғамхориҳо, албатта, ба ҷавонон рӯҳ мебахшад ва онҳо ҳаракат мекунанд аз имкониятҳое, ки дар роҳи таҳсил, омӯзиши касб ва шуғли онҳо фароҳам оварда шудаанд, сари вақт истифода намоянд.

Ҳаёт тақозо мекунад насли ҷавон донишу таҷрибаи иқтисодӣ дошта бошад. Вақте ҷавон соҳиби оила шуд, масъулияти саробонӣ ба хонадон ба дӯшаш афтода, мачбур аст дар бораи моддиёт бештар фикр кунад. Ҳамоне, ки то андозае аз дониши иқтисодӣ бархурдор аст, худро гум намекунад. Ҳалли масъалаи пулёбӣ ва таъмини оила ба вай душвор намекӯчад.

Воқеан, тадбирҳои маънавие, ки дар ин самт гузаронида мешаванд, дар мустаҳкамгардии дониш ва биниши ҷавонон нақши муҳим бозида метавонанд. Онҳое, ки таҷрибаи бойи ҳаётӣ доранд, мегӯянд нахустин хиштҳои тарбияи иқтисодӣ бояд дар синфҳои ибтидоии дабистонҳои таълими умумӣ гузошта шавад. Донишҳои иқтисодӣ бошанд, вақте хонанда мактабро хатм намуд, минбаъд дар муассисаҳои ҳунаромӯзӣ ва даргоҳҳои таълими олӣ рӯ ба густариш мениҳанд.

Бо кор ва шуғли мувофиқ аз рӯи тахассус таъмин намудани ҷавононе, ки масканҳои таълиму ҳунариро хатм кардаанд, айни замон дар маркази эътибор мебошад. Хатмкардаи ин гуна даргоҳҳо, хусусан ҳамоне, ки оянда тиҷорати хурди худӣ ташкил карданист, бояд бо мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, намояндагони бонк, идораҳои молияву суғурта муомила ва ҳамкорӣ карда тавонад.

Мактаби соҳибкорони ҷавон дар маҳаллаҳо вуҷуд надошта бошанд ҳам, мактаб, маҳалла ё корхонаҳои маҳаллӣ бояд якҷо дар омодасозии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона, фарогирии онҳо ба касб фаъолият баранд ва бевосита нақши мактаби соҳибкорони ҷавонро бибозанд. Ҷавононе, ки сабақомӯз дар ин гуна мактабҳоянд, то андозае аз таҷрибаҳои иқтисодӣ бояд бархурдор, бо донишҳои иқтисодӣ мусаллаҳ бошанд. Онҳо ин донишу таҷрибаи худро минбаъд дар кори тиҷоратиашон, ки аз кас ҳушмандӣ, маҳорат ва таҷриба металабад, бамаврид истифода бурданашон мумкин.

Мутаассифона, қисме аз ҷавонони мо ва падару модари онҳо ба ин масъала дар вақташ аҳамият намедиҳанд. Ёфт мешаванд онҳое, ки дар остонаи камолотанд ё худ ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ сар кардаанд, аммо ҳанӯз дар бораи соҳиби ин ё он касб шудан ҷиддӣ фикр накардаанд. Ин аз он дарак медиҳад, ки онҳо ба худ бовар надоранд ё аз ҳад зиёд фориғболу бепарвоянд. Фикри мустақил надоштани қисме аз ҷавонони мо низ нишонаи оҷизист. Ба ин, дар навбати аввал, падару модарон сабабгоранд. Барои дар қалби ҷавонон бедор кардани ҳисси масъулият дар мустақилона пеш бурдани рӯзгор кумаки мутахассисони малаканок ва рӯҳшиносони таҷрибанок низ хеле муҳим. Ҷуз ин лозим меояд дар зеҳн, шууру тафаккур ва қалби ҳар насли ҷавон тамоюли ғояи миллӣ ва мафҳуми дониши иқтисодиро мустаҳкам ҷойгир намоем. Ин водор месозад фарзандони мо ба оянда ва қудрати худ бовар намоянд, бори масъулияте, ки дар зимма доранд, амиқтар эҳсос созанд.

Дар ҷамъомади парлумонӣ, ки 20 ноябр баргузор гашт, роҳбари давлати мо дигарбора таъкид сохт барои тарбияи ҳарҷонибаи ҷавонон, соҳиби дониш ва касби замонавӣ шудани онҳо кулли имкониятҳо сафарбар карда мешаванд.

Умед ҳаст ҷавононе, ки бо донишҳои иқтисодию маънавӣ мусаллаҳанд, чи дар оиладорӣ, чи пешбурди корҳои тиҷоративу соҳибкорӣ ва чи дар фаъолият дар самтҳои гуногун ба дигарон намуна мешаванд, ба Ватани худ хидмати сазовор мекунанд, дар равнақи он саҳми муносиб мегузоранд.

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Иҷрои барнома дар амал

ПАЙРАВӢ БА ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТ ВУСЪАТ МЕЁБАД

Дар вилояти Фарғона ташаббуси Сарвари давлат ҷиҳати ниҳолшинонӣ ва ба макони сабзу хуррам табдил додани муҳити атроф ҳамовозиҳои гарму ҷӯшон пайдо намудааст.



Дар доираи лоиҳаи бунёди камарбанди «сабз» даставвал дар атрофи шаҳри Тошканд бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев чорабинии доманфарохи ниҳолшинонӣ баргузор гардид. Вай аз дигарон низ даъват намуд, ки ба ин кори хайру савоб ва барои муҳити зист басо зарурӣ бипайванданд ва барои сарсабзии минтақаи худ саҳми худро гузоранд.

Дар ҳудуди мавзеи Ӯзбекистони Нав, ки дар шаҳри Марғилон бунёд мешавад, чунин чорабинии шинондани ниҳолҳои ороишӣ бо шукӯҳ ва дастачамъии хос ба вукӯъ пайваст. Он ба иди ҳақиқии меҳнат табдил ёфт. Дар ин чорабинӣ муовинони ҳокими вилоят, мудирони секторҳо, роҳбарону кормандони идораю ташкилотҳо, равшанфикрон ва аҳли адабу фарҳанг, ҷавонон ва сокинони якчанд ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои шаҳр хеле фаъолона ширкат варзиданд.

– Шаҳри куҳанбунёди Марғилон бо алломаҳои бузург, таърихи бой, фарҳанги қадимӣ ва ҳунармандони болаёқати худ дар мамлакат ва берун аз он шуҳрат пайдо кардааст. Дар чорабинии ба макони сабз табдил додани мавзеи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳр мардуми зиёд ширкат намуданд. Ин чорабинӣ ба иди ҳақиқии меҳнат табдил ёфт, – гуфт бо қаноатмандии том ҳокими шаҳри Марғилон Шукуроллохон Нисбатхонов.

Айни чунин тадбирҳои ниҳолшинонӣ ва ба макони сарсабз табдил додани муҳити атроф дар саросари шаҳру ноҳияҳои вилоят вусъат пайдо кардааст ва ин маъракаи идома дорад. Гуфта мешавад, ки аллакай тавассути ин чорабинӣ ва иштироки одамони зиёд ҳазорҳо бех ниҳолҳои ороишӣ шинонида шудаанд ва онҳо ба намои ҳамон мавзеъҳо шукӯҳи тоза мебахшанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Мувофиқи барномаи умумимиллии «Макони сабз» дар ҳудуди кишвари мо бунёди боғу дарахтзор, обод кардани роҳҳо, ҳавлии корхонаву муассисаҳо босуръат идома доранд.

МАКОНИ САБЗ

Дар Косонсой низ ба ободгардониву кабудизоркунии қаламрави ноҳия эътибори калон медиҳанд.

Дар ҳудуди заминҳои бекорхобидаву ноободи ҷомеаи шаҳрвандони маҳаллаҳо, корхонаву ташкилот ва муассисаҳои таълимиву тандурустӣ ба вучуд овардани дарахтзор ба боз ҳам сарсабзиву тозашавии ҳавои ин масканҳо корҳои назаррас амалӣ мешаванд.

Алҳол дар ҳамаи маҳаллаҳо, муассасаҳои таълимӣ ва корхонаҳо кишти тирамоҳии ниҳолони боровару сояафкан ба таври оммавӣ идома дорад. Аз ҷумла, дар ҳудуди маҳаллаи Гӯрмирон дар масоҳати умумии ду гектар қитъаи заминҳои бекорхобида беш аз ду ҳазор бех дарахтони мевадеҳу сояафкан шинонида шуданд.

Дар ҳудуди мактаби миёнаи таълимии умумии рақами 32-юм низ иҷрои барномаи «Макони сабз» торафт вусъат пайдо мекунад. Ҷомеаи омӯзгорону хонандагони маърифатгоҳ беш аз 500 бех ниҳоли гуногуни мевадеҳу манзаравиро шинонданд.

Ҳамчун маълумот метавон гуфт, ки дар доираи амалигардонии барномаи номбурда дар ҳудуди ноҳия беш аз 565 ҳазор бех дарахтони боровару манзаравӣ шинонида мешаванд.

Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» корҳои шинондани буттаҳо, кӯчати дарахтҳои манзараноку мевадеҳ суръат мегиранд.

Хусусан, дар ҳамаи 788 маҳаллаи вилояти Намангон ин ташаббус ибратпазир аст.

Чунончи, дар ноҳияи Уйчӣ зиёда аз 232 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунад, онҳо асосан бо корҳои деҳқониву боғдорӣ машғуланд. Маҳаллаи Мирзоровот низ ба боғдорӣ ихтисос дорад. Одамон нафақат дар ҳавлии худ, ҳатто дар сахроҳо низ сабзавоту меваҷот парвариш мекунанд.

– Маҳалла зиёда аз ҳазор хонадон дорад, даромади аҳолӣ асосан аз боғдорӣ ва деҳқонӣ мебошад, – мегӯяд раиси он Баҳодир Холиқов. – Барои ҳамин дар ҳар як хонавода якчанд намуди дарахтҳои мевадеҳ ва қариб ҳамаи хели сабзавотро дидан мумкин аст. Хурсандиовар аст, ки баъзе соҳибкорон бо парвариши ниҳол машғул шуда, боғбононаи вилоятро бо ниҳоли дарахтҳои гуногун таъмин мекунанд. Мувофиқи супорише, ки 21 октябри соли ҷорӣ аз ҷониби Президент аз тариқи видеоселектор дода шуд, мо ба нақша гирифтем, ки 10 ҳазор ниҳол шинонем. Дар ин соҳа мирзоровотиён таҷрибаи ғанӣ доранд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

КАШИДАДӮЗӢ БА ШУҒЛИ СУДОВАР ТАБДИЛ МЕЁБАД

Хуб ёд дорам, то охири солҳои 70-уми асри гузашта девори хонаҳо (хосатан хонаи аруси домод) бо сӯзаниҳо оро дода мешуд. Дар девори хона ду навъ сӯзанӣ кашида мешуд. Андозаи яке мувофиқ ба дарозии девори хона ва бараш 70 см буд. Дувумӣ аз ҷиҳати шаклу андоза (2х3, 3х4) гуногун мешавад. Духтарон дар арафаи тӯйи худ кашидадӯзӣ мекарданд. Бисёр ба мушоҳида мерасид, ки арӯсшаванда бо кӯмаки дугонаҳову ҳамсоядухтарон шабҳо сӯзанӣ, болишт, рӯболишт, пардаи тиреза, миёнбанд, ҷилди чойник, рӯйҷо ва умуман ҷиҳози хонаводаро гулдӯзӣ мекарданд. Арӯсшаванда гирди 25-30 дона дастрӯмолро тӯр мебофид, ки рӯзи тӯй ба дӯстон – ҳамнишинони домод медод.



Дар деҳоти кӯҳпояи Нурато,бахусус дар шаҳри Нурато ба духтарон аз овони кӯдакӣ дӯзандагӣ ва кашидадӯзиро меомӯзонданд. Қариб дар ҳар як оила дӯхтан ё кашидадӯзиро медонистанд. Аз солҳои 80-ум ба пас ҷойи ин санъати зебои дастии миллии тоҷикиро мошинҳои дарздӯзӣ гирифт. Аз он сӯзаниву болишту рӯболишт ва дигар ҷиҳози бо даст кашидадӯзӣ ё худ гулдӯзишудаи хонавода чизе боқӣ намонд.Он намунаҳои санъати гулдӯзии дастиро, ки дар хонахо боқӣ монда буд, самарқандиву бухороиҳо харида бурданд...

Истиқлолият ба эҳёи саъати миллии қадима имконият фароҳам овард. Ба эҳёи ҳунарҳои дастии мардумӣ чун кашидадӯзӣ ё худ гулдӯзӣ аҳамияти махсус дода шуд. Имрӯз дар Ӯзбекистон, аз ҷумла дар Нуратову вилояти Навоӣ анъанаҳои қадимаи кашидадӯзӣ эҳё шудааст. Эҳёи ҳунарҳои дастии мардумӣ имрӯз ба шуғли доимӣ, яъне ба манбаи даромад табдил ёфтаанд.

Яке аз ҳунарҳои миллӣ, ки таҷассумгари таъриху фарҳанги чандинасраи мост, маҳз кашидадӯзии Нурато ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар Нурато ҳамасола бо мақсади ҳифз ва қадр кардани мероси ниёгон фестивали «Сӯзанӣ ва кашидадӯзӣ» баргузор мегардад. Ин ҷашнвора дар маҷмӯи таърихию меъмории «Чашма»-и шаҳри Нурато аз ҷониби ҳокимиятҳои вилояти Навоӣ ва ноҳияи Нурато, раёсатҳои сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ, Иттиҳодияи «Ҳунарманд» роҳандозӣ мешавад

Гулдӯзии аз ҳама маъмул ин сӯзанӣ мебошад. Сӯзанӣ матоест, ки рӯяш бо ресмонҳои рангоранг бо усули кашидадӯзӣ гулдӯзӣ шудааст. Матои сӯзанӣ маъмулан сатин, шоҳӣ ва махмал мешавад. Тарҳи сӯзанӣ аз нақшҳои паргорӣ иборат буда, аксар дар мобайни худ гули доирамонанд ва дар канорҳояш ҳошияҳо дорад. Сӯзанӣ акси бо сӯзан дар матоъ ҳаккокишудаи чамани шукуфон ва пур аз гул мебошад. Чашми ҳамабин дар он расмҳои сеҳрнок орзуву омол ва ормонҳои мардумро мебинад, ба мисли рамзи фаровонӣ, ҳимоя аз чашми баду муҳофизат аз мавчудоти бадтинат, кушоиши бахт ва дигар. Аз ин рӯ, анъанаи оро додани манзил бо сӯзанӣ аз замонҳои қадим ба мерос мондааст. Истилоҳи «сӯзанӣ» маънои бо сӯзан дӯхтанро дорад, аз ин лиҳоз онро «сӯзанӣ» меноманд.

Шаҳри Нурато, ки шаҳри қадимаву ҳамешаҷавон аст, сафи сайёҳони дохиливу хориҷӣ хеле афзудааст. Сайёҳон ба маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Ин имконият дод, ки дар Нурато кашидадӯзӣ ривоҷ ёбад. Дар ин ҷо мактабҳои кашидадӯзӣ таъсис ёфт. Дар ин мактабҳо усули «Устод ва шогирд» ба роҳ монда шуд. Бо ташаббуси иттиҳодияи вилоятии «Ҳунарманд» ва шӯъбаи ноҳиявии он дар Нурато марказҳои таълимии кашидадӯзӣ таъсис ёфт. Бисёр зан ва духтарони хонанишин он ҷо ҳунари гулдӯзиро омӯхта, ба гирифтани сертификат ва ҷойи кори доимӣ соҳиб шуданд.

Саодат Файзиева яке аз аввалинҳо буд, ки корхонаи дӯзандагӣ таъсис дод. Корхона дар як муддати кӯтоҳ натанҳо дар Нуратову вилоят, балки дар ҷумҳурӣ ва берун аз он шӯҳрат ёфт.

– Имрӯз дар корхонаи мо беш аз 150 нафар гулдӯзон кор мекунанд.- На ҳамаи онҳо доим ба корхона меоянд, – гуфт ҳини суҳбат Саодат Файзиева. – Корхона ҷоест, ки шогирдон нозукиҳои гулдӯзиро меомӯзанд. Пас ҳар яке дар хонааш назди фарзандон фаъолият пеш мебарад, ҳам кори зиндагиашро мекунад ва вақти холиаш ба гулдӯзӣ машғул мешавад. Моли тайёр намудаашро ба корхона супорида, аз мо ашёи хом мегирад ва мувофиқи фармоиш маҳсулот тайёр мекунад. Яъне кашидадӯз ҳам кори зиндагиашро мекунад ва ҳам ба зиндагӣ даромад меоварад.

– Маҳсулоти мо харидоргир аст. Чи дар дохил ва чи дар хориҷ аз мамлакат ҳаводорони зиёд дорад, – мегӯяд бонуи ҳунарманд. Бо ҳунармандони шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон робитаҳои ҳамкорӣ дорем. Ба Қатар, Руминия, Булғория, Фаронса маҳсулот экспорт мекунем. Чанде пеш бо маблағи 20 ҳазор доллари амрикоӣ маҳсулот содир намудем.

Зиёданд бонувони ҳунарманд, ки дар Нурато корхонаҳо таъсис дода, занону духтарони хонанишинро бо шуғли доимӣ таъмин мекунанд. Гулмира Исломова, Заррина Ҳамидова, Шаҳноза Ботурова, Мунира Худойқулова ва чанди дигар корхонаҳои гулдӯзиро таъсис дода, имрӯз хеле шуҳрат ёфтаанд.

– Кашидадӯзӣ анъанаи аҷдодӣ аст барои ман, – мегӯяд Заррина Ҳамидова. – Ман авлоди панҷумам, ки ба кашидадӯзӣ машғулам. Бо вуҷуди ин дар Маркази таълими «Ҳунарманд» хондам, соҳиби сертификат гардидам. Маҳсулоти корхона дар музейи Санъати шаҳри Тошканд ба намоиш гузошта шуд. Маҳсулоти тайёрро ба ИМА, Туркия ва Исроил экспорт мекунем.

– Чанде пеш худ шогирд будам, – мегӯяд Шаҳноза Ботурова. – Имрӯз корхонаи гулдӯзии худро дорам. Он беш аз 30 нафар кашидадӯзро гирд овардааст. Ҳамчунин дар марказҳои таълимии Нурато ва шаҳри Навоӣ нозукиҳои гулдӯзиро ба шогирдон меомӯзам.

– Гулдӯзӣ санъатест нафис, аз соҳибкор зеҳн ва диди қавиро тақозо дорад, – гуфт дар суҳбат Шаҳноза. – Зеро ҳар як ранг моҳияти худро дорад. Мо таҷрибаи ниёконро меомӯзем ва онро равнақу ривоҷ медиҳем. Барои табиӣ баромадани рангҳо аз пӯсти анор ва усма низ истифода мебарем.

Мегӯянд, ки аз қадим боз 700 нақши гулдӯзӣ маълум аст. Гулдӯзони Нурато ҳам намунаҳои беҳтарину маъмултарини онҳоро чун аноргул, барги бед, бодом, қаҷак, лола, маҷнунбед, себарга, тоҷи хурӯс, мори печон, моҳу ситора, гулбаст, гули ҳафтранг, гули зардолу, гули шафтолу ва дигарҳоро мавриди истифода қарор додаанд.

Имрӯз дар шаҳри Нурато гулдӯзӣ ривоҷ ёфтааст. Дар ин замина ҳам санъати нафиси миллии гулдӯзӣ ривоҷ меёбад, ҳам бонувони хонанишин бо шуғли доимӣ таъмин мегарданд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Аҷаб диёре

ИСЛОҲОТИ ПАЙГИРОНА ДАР РОҲИ РУШДИ МИНТАҚА

Вилояти Қашқадарё аз паҳноҳое ба шумор меравад, ки дар радифи заминҳои васеи дашту биёбон майдонҳои зиёди корам низ дорад ва дар ин заминҳо ҳамасола кишти пахтаву ғалладона ва дигар маҳсулоти хоҷагии деҳот ба роҳ монда мешаванд. Ин вилоят ҳамеша дар мадди назари роҳбарони воломақоми ҷумҳурӣ қарор дошт ва онҳо муттасил мекӯшиданд, ки заминҳои бекарон ва даштҳои сӯхтаи ин минтақаро аз худ карда, ба нафъи халқу Ватан истифода кунанд.

Қашқадарё 100 сол муқаддам аз ин, яъне 1-уми ноябри соли 1924 ташкил шуда, ки аз вилоятҳое ба шумор меравад, ки аз нигоҳи масоҳат хеле васеъ аст ва айни ҳол 28,6 ҳазор километри квадратӣ масоҳат дорад ва тӯли сарҳадоти он 893,9 километр арзёбӣ шудааст. Аз ин миқдор танҳо 675,3 ҳазор гектар замини киштбоб буда, аз шарофати меҳнат ва машаққати деҳқонони хокпошаш сабзу борвар мебошанд. Вилояти Қашқадарё бо Туркманистон 253,3 км, Тоҷикистон 59,9 км, бо вилоятҳои Самарқанд (276 км), Сурхондарё (193,8 км), Бухоро (98,3 км) ва Навоӣ (12,5 км) марзи муштарак дорад. Ҳудуди он ба 19 ноҳия ва 2 шаҳр тақсим шуда, ҷавонтарине аз онҳо ҳамагӣ ду сол пеш аз ин созмон ёфта буд, ки Кӯкдала ном дорад. Дар ҳудуди вилоят ҳоло 3,6 миллион аҳолӣ умр бар сар мебарад ва назар ба маълумоти оморӣ 92,9 дар сади онро ӯзбекон, 4,0 фоизро тоҷикон ва боқӣ ба миллатҳои туркману русу қавмҳои дигар мутааллиқанд. Тоҷикон дар ноҳияҳои Деҳқонобод, Ғузор, Китоб, Шаҳрисабз, Косон, Нишон, Миришкор ва Қамашӣ дастаҷамъона зиндагӣ мекунанд.

Иқтисодиёти вилоят бештар аз ҳисоби саноати сабук, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмон, нассоҷӣ, ғизоӣ ихтисос доранд, ҳамчунин кишоварзӣ, чорводорӣ ва боғпарварӣ, ки бахши аъзами онро ташкил мекунанд, пеш меравад. Дар ин ҳудуд саноати газу нафт ҳам дар ҳоли рушд буда, ба буҷаи Ватан даромади зиёд ворид месозад. Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов дар такя ба арқоми оморӣ зимни як маърӯзаи худ эътироф кард, ки дар идомаи панҷ соли охир иқтисодиёти вилоят 3 баробар рушд кардааст ва дар ин самт суботкорона гом ниҳода, маҳсулоти истеҳсолии таҳҷоӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,5 баробар афзудааст.

Дар вилоят 12 макотиби олӣ амал мекунад ва 1230 мактаби миёна мавҷуд буда, шумори муассисаҳои томактабӣ 4212 адад арзёбӣ мешавад. 65 фоизи кӯдакони то синни мактабӣ дар қаламрави вилоят бо боғчаҳо таъмин гардидаанд.

Бояд гуфт, ки вилоят сол аз сол рушд мекунад ва ҳукумати маҳаллӣ ҳам дар роҳи некӯаҳволии мардуми минтақа пайгирона заҳмат мекашад.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.

Моҳонаи бехатарии сӯхтор

ОТАШ – ДУШМАНИ БЕЗАБОН

Дар кишварамон бо мақсади пешгирии хавфи ҳодисаҳои нохуш дар фасли зимистон, ки бар асари сӯхтор рӯй медиҳанд, аз 15 ноябр то 15 декабр, «Моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор» эълон карда шудааст.

Бо ин муносабат дар вилояти Намангон низ корҳои амалӣ идома доранд. Бо иштироки масъулони ташкилотҳои дахлдор дар муассисаҳои давлатӣ, маҳаллаҳо, хонадон ва манзилҳои бисёрошёна дар бораи аҳамияти моҳонаи бехатарии сӯхтор суҳбатҳо гузаронида мешавад. Дар мавзӯи «Захролудшавиҳо аз ғубори газ ба ҳаёти одамон зомин мешавад» видеороликҳо намоиш дода мешавад.

Хусусан, дар маҳаллаи Обиҳаёт, ки дар шаҳри Намангон воқеъ аст, корҳои амалӣ дар авҷ. Дар давоми тадбир камбудиҳои соҳа аз тарафи ходимони соҳа бартараф карда шуд.

Мутасаддиён дар ҷойҳое, ки хонаҳои бисёрошёна барпо карда шуда истодааст, бо бинокорон дар бораи бехатарии сӯхтор суҳбат карда, ба қоидаҳои техникӣ ва ҷойгиркунии асбобу анҷомҳои лозимӣ амал карданро ёдрас намуданд. Дар мактаби рақами 38 бо хонандагон ва ҷамоаи мактаб бинобар моҳонаи номбурда вохӯрӣ баргузор шуд ва мутахассисон ба саволҳои иштироккунандагон ҷавоб доданд.

– То қадри имкон мувофиқи нақша дар ҳудудҳо бо аҳолӣ вохӯриҳо



ташкил карда истодаем, – мегӯяд ҷонишини роҳбари вазъияти фавқулоддаи вилоят, подполковник Баҳром Раҷабов. Дар рафти саволу ҷавобҳо ҳолати асбобу анҷомҳои гармкуниеро, ки онҳо истифода мебаранд, аз назар мегузаронем, маслаҳатҳои зарурӣ медиҳем, лозим бошад, дар таъмирашон кӯмак мерасонем. Соли 2022 дар вилоят 9 ҳолати захролудшавӣ қайд шуда бошад, соли 2023 ин рақам ба 4-то кам шуд. Соли ҷорӣ бошад, дар давоми 9 моҳ, 1 ҳолат рӯй дод. Афсӯс, ки сӯхтор низ кам нест. Дар ҳудуди вилоят дар давоми 9 моҳ зиёда аз 500 маротиба сӯхтор ба вуҷуд омад, 1 нафар вафот кард, 5 нафар ҷароҳат гирифт, ҷабрдидагон аз 113 миллиард сӯм зиёд зарари моддӣ диданд. Барои ҳамин, мо бо аҳолӣ доир ба усулҳои бехатарӣ ва ҳаракат дар вақти сӯхтор корҳои амалӣ мегузаронем.

Мо бояд дар хотир дорем, ки «Моҳонаи бехатарӣ» мавсимӣ нест. Мо дар давоми сол бояд ба қоидаҳои бехатарӣ амал кунем, аз ин офат худро, хонаву ҷоямонро ва наздиконро муҳофизат кунем.

Шоҳида ДАМИНОВА,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

Дар шаҳри Кунмини Хитой анҷумани бошукӯҳи байналхалқии «Бародаршаҳрҳо – 2024» баргузор гардид, ки намояндагони беш аз 40 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд.

САМАРҚАНД – СОҲИБИ ҶОИЗА

Боиси хушнудист, ки дар ҷорабинӣ ҳайати Самарқанд таҳти сарварии ҷонишини ҳокими вилоят Ойбек Ҳамроев иштирок намуда, ҳамчун беҳтарин минтақаи ҳамкору ҳамдӯст эътироф гардид ва бо ҷоизаи махсус мукофотонида шуд.

Таъкид гардид, ки бародаршаҳрҳои Самарқанд дар Италия, Ҳиндустон, Фаронса, Олмон, Русия, Ҷопон ва дигар кишварҳои олам вуҷуд дошта, бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Сарвари давлат риштаи ҳамкорӣ сол то сол ривоҷу равнақ меёбад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
Вилояти САМАРҚАНД.

Маълум аст, ки ин озмуни миллӣ мувофиқи қарори Сенати Олий Маҷлис аз 27 апрели соли 2022 ташкил ёфта, ба мақсади дастгирӣ намудани фаъолияти иҷтимоию иқтисодии занону духтарон, боло бардоштани мавқеи онҳо дар ҷамъият, инчунин муносиб ҳавасманд гардондани фаъолияти бонувони пешқадаму фаъол, тарғиб ва дастраси ҷамоа гардондани ислоҳот оиди баробарии гендерӣ ҳамчун анъана гузаронда мешавад.

МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ «БОНУИ СОЛ»

Боиси хушнудист, ки дар марҳилаи шаҳрию ноҳиявии озмун сафи занону духтарони ташаббускор сол то сол меафзояд. Дар тадбири имсола бештар аз 300 нафар бонувони фаъол иштирок карданд. Кори иштирокдомҳои филологӣ Нигора Сафарова – «Беҳтарин олими фаъоли сол»; инспектори калони шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шофиркон Гулӣ Очилова – «Беҳтарин бонуи ватанпарвари сол»; омӯзгори мактаби таълими умумии раками 21-уми ноҳияи Ғиждувон Лайло Каримова – «Устоди беҳтарини сол»; фаъоли занону духтарони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чақирчӣ»-и ноҳияи Пешкӯ Вазира Умедова – «Иқтидорноктарин тарғиботчии маънавият ва маърифати сол»; соҳибкор аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Мирзоқалъа»-и ноҳияи Қарокӯл Зулфизар Тӯраева – «Зарбдортарин соҳибкорзани сол»; сарҳамшираи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Рометан Мамлакат Раҷабова – «Фаъолтарин тарғибгари тарзи солими зиндагии сол»; аз ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Мустақиллик»-и шаҳри Когон Вазира Содиқова – «Беҳтарин соҳибхоназани сол»; ҷонишини сардори шуъбаи ноҳияи Шофирконии бонки СТ «Халқ банки» Ҳилола Холова – «Бонуи сол – устоди касби худ»; тарроҳи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Pixel Star»-и ноҳияи Ҷондор Маҳбуба Болтаева – «Беҳтарин зан – барномасози IT-и сол»; сармутахассиси бахши Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ дар ноҳияи Олот Диловар Ҷӯраева – «Беҳтарин бонуи эҷодкори сол».



Голибон бо ташаккурнома ва туҳфаҳои муносиби ҳокимияти вилоят ва созмондиҳандагони тадбир сарфароз гардонда шуданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.
Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).

Китоб – хазинаи дониш

ШОҲИ КИТОБДӮСТ ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ

(Ҳикоят)

Мегӯянд, ки дар замонҳои қадим подшоҳи китобдӯсте буд. Вай ду писари маишатпараст ва як духтари қобилу меҳнатдӯсте дошт. Тарбияи ҳар се фарзанди шоҳро шахси донишманд пеш мебурд. Духтар чун падараш илмдӯсту китобдӯст буд, бисёр бо ҳавас мехонд, чизеро нафаҳмад, аз донишманд мепурсид ва гаштаву баргашта мехонд. Дар андак вақт ҳамаи илмҳои замонашро аз худ кард. Писарҳо ба хондан майлу рағбате надоштанд.

– Ба мо хондан чӣ лозим, тахту тоҷи падар кифоя аст, – мегуфтанд.

Лекин духтар аз ин фикрронии додарон норозӣ буд:

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ.

Бародарон бештар вақташонро бо бозӣ мегузаронидаанд. Баъди чанде таълиму тарбият гирифтан подшоҳ фарзандонашро назди худ хонда хост, ки дониши онҳоро санҷаду дар дами пирӣ талабу хоҳиши онҳоро низ ба ҷо орад ва аз байнашон валиаҳди худро интихоб намояд. Бо ҳамин мақсад онҳоро наздаш шинонида пурсид:

– Бигӯед, фарзандонам, қиматтарин ганҷ кадом аст ва калиди вай чист?

Писарҳо гуфтанд:

– Қиматтарин ганҷ ин тилло асту калиди он калиди хазинаи Шумо.

Баъд духтар ҷавоб дод:

– Қиматтарин ганҷ дониш ва калиди он китоб аст.

Подшоҳи аз ҷавоби духтараш қаноатманд боз пурсид:

– Дӯсте, ки ба ту ҳеҷ гоҳ хиёнат намекунад, кадом аст?

Писарҳо, ки дониши дуруст надоштанд, ҷавоб доданд:

– Модарон ҳеҷ гоҳ хиёнат намекунанд.

Духтар ҷавоб дод:

– Дӯсте, ки хиёнат намекунад, ин китоб аст. Китоб дӯсти беҳтарини одам мебошад.

Подшоҳ аз ҷавобҳои духтараш бисёр хурсанд шуд ва гуфт:

– Духтарам, ту ақлу идрок ва дониши хуб дорӣ. Офарин!

Таҳияи
С. ЭРГАШЕВ,
ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.

УСТОДОН ВА ШОГИРДОН

Дар ноҳияи Мирободи пойтахт муассисаи нави таълими ҳамагонии рақами 154 пас аз таъмири асосӣ ба истифода супурда шуд.

ҶАВОНОН – БУНЁДКОРОНИ ОЯНДАИ МАМЛАКАТ



Вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ Ҳилола Умарова, ҳокими шаҳр Шавкат Умурзоқов, ҳокими ноҳия Анвар Сайфиддинов ва аҳли ҷомеа иштирокдорони чорабинӣ буданд.

Ҳ. Умарова таъкид намуд, ки фазо фазои муошират ҷавонони эҷодкор аст. Дар Ӯзбекистони Нав шароити муносиб фароҳам овардан барои дониши амиқ гирифтан ва аз ҳар ҷиҳат чун насли солим ба воя расидани ҷавонон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлат ба шумор меравад. Дар ин бобат дар доираи панҷ ташаббусе, ки аз ҷониби Президент пешбарӣ гаштааст, корҳои бунёдкорона ба амал меоянд. Барои ташкил намудани фароғати ҷавонон, ба вуҷуд овардани шароити ногузир барои мутолиа ва шуғли мунтазам бо варзиш заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Бо ташаббуси роҳбарияти мактаб ҳунарҳои ошпазию дӯзандагӣ ва дуредгарию кулолии хонандагон намоиш дода шуд.

Бинои нав аз ҷониби бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қурулиш инвест» таъмир шуда, 2 миллиарду 500 миллион сӯм харҷ гардид. Дар муассиса хонаҳои лабораторияи физикаю кимиё ташкил шуда, бо мизу тахтаҳои электронии нав ҷиҳозонда, гирду атрофи мактаб кабудизор гаштааст.

Инчунин барои хонандагон майдончаи нави варзишӣ ва ҷойи бозиҳои зеҳнӣ дар ҳавои тоза мавҷуд аст.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

«ИН МЕГИРЁНАДУ МАН ХАНДАМ?»

Даҳҳо шоиру нависандагон, донишмандонеро медонем, ки дар мактаби эҷодии устод Айнӣ таълим гирифта, ба дарачаи баланд расидаанд.

Сахтгирии устод, хусусан, вақте бо навқаламон машғулот мегузаронд, амиқтар ҳис мегашт. Коргардон Борис Кимёгаров хост дар мавзӯи «Кор бо ҷавонон» филми ҳуҷҷатӣ офарад. Бо азобе Айниро розӣ кунонд.

Инак, «адиб»-и оянда дастнависашро хонда медиҳад.

– Ист!

Шогирд аз хондан бозистод.

– Ҷумлаи охирро аз нав хон.

Шогирд дар вазъе, ки худро гум мекард, бо овози ларзон ҷумларо аз нав хонд. Авзои устод бечо гашт. Вақте теғкашон ба шогирд менигарист, Кимёгаров:

– Стоп, стоп! – гуфт норозиёна. – Ин хел не-да, устод. Ба навор мебардорем охир. Барои Худо, саҳл чеҳраатонро кушоед.

– Чӣ гуфтӣ?

– Филм мебардорем. Филм! Дидагӣ чӣ мегӯяд? Танбеҳро ба сонитар гузошта, андак табассум мекардед. Илтимос!

– Табассум кунам? Мана ин ношуд хун мекунад ҷигарамрову ман хандам? Филм меофарӣ гуфта-а? Ман ба ту артист ё масхарабоз? Бардор дову дастгоҳатро!

«МАРО ҒАФУР ҒУЛОМ РОНДААСТ!»

Ғафур Ғулом ба шогирдон чӣ тавр муносибат мекард? Ба остонааш омадаро чӣ хел пешвоз мегирифт? Қадбаланд, китфвасеъ буд адиб. Бо зувонаш бақувват. Дар нигоҳаш низ як салобат. Ба наздик шудан одам меҳаросид.

Кадоме хичолатомез ба дарвозааш панҷа мезанад. Дар бар куртаи васеи сафед, миёнаш баста, дар сар тоқӣ берун мебарояд.

– Биёянд, – мегӯяд баъди воҳӯрӣ. – Дароянд.

Дар яке аз шеърҳояш «ӯзбекман, сода...» навиштааст Ғафур Ғулом. Ҳамон ба ёдаш расида, навқалам дилпур ба ҳавлӣ медарояд. Баъде нишастанд, шеърҳояшро нишон медиҳад... Хуллас, ҳамааш хуб. Вале на ҳама вақт. Навъе ҳамзамонҳояш нақл мекунанд, Ғафур Ғулом баъзан ҳаваскоронеро, ки гоҳу бегоҳ безобита ва хирагӣ карда менишастанд, аз дар меронд. Аммо «рондашуда» хафа намегашт. Баръакс, ба худ ифтихор менамуд, ки «маро Ғафур Ғулом аз дар рондааст!»

Аксари онҳое, ки «аз дар баромада, аз тиреза медаромаданд», баракат меёфтанд.

ДОРУ БА «ҶАРОҲАТҲО»-И АДАБИЁТ

Абдулло Қаҳҳор низ мисли Айнӣ сахтгир буд. Меранҷад гуфта нанишаста, гапи ҳақро мегуфт. Ба шогирдоне ҳам, ки атрофашро печонда буданд! Ба шогирди суст мегуфт: «Адабиёт воситаи рӯзгузаронӣ нест. Бо дигар роҳ рӯзгор ҷунбонед. Адабиётро хор накунед!» Мегӯянд гапи ҳақ ба таваллудкардаат намефорад. Ба шогирд мефорад?

Бинобар ҳамин баъзе шогирдон дигар наздик нашуда ва ранҷурии худро пинҳон намедоштанд. «Одам ҳамин хел заҳр мешавад?» Аммо ин гуна «заҳр», дар мавриде, даво (марҳам)-и беҳтарин буд ба «ҷароҳатҳои адабиёт».

«ХОНАИ УСТОД – ХОНАИ МО!»

– Бемалол дароед!

Мегӯянд Комил Яшину ҳамсараш Ҳалима Носирова шогирдонро ҳамеша бо чеҳраи кушод истиқбол мекарданд.

– Худро дар хонаи худ ҳис кунед...

Комилака дар хонае ба нависандаи ҷавон машғул шавад, завҷааш дар хонаи дигар ба санъаткори оянда сабақ медиҳад.

Шаб нисф шудааст. Баъзеҳо хайрухушкунон рафтанд, чанд нафар «ҳамин ҷо хоб меравем» гӯён мондаанд.

Бевақтии шаб, асноe зану шавҳар дар хонаи хоб дароз кашидаанд, дар ҳуҷраи дигар кадоме пианино менавозад, гурусна шудам гуфта кадоме таом мепазад, шоиршаванда дар балкон коғаз сиёҳ мекунад.

Вақте соҳибони хона ҳамин қадар «садқаю банда»-анд, дигар чиро интизор шудан мумкин?

КАЙФИЯТИ УСТОД БА ШОГИРД ВОБАСТА

Ҳамид Олимҷон дар чаҳордаҳсолагӣ аз Ҷиззах ба Самарқанд омада, ба омӯзишгоҳи педагогӣ ҳуҷҷат супурд ва қабул гашт. Дар вақти холӣ шеър машқ мекард ва аз назари Фитрат мегузаронд.

Бинобар сахтгирии Фитрат боре гапашон гурехт. Ҳамид Олимҷон болои қаҳр дафтарашро шарт-шарт даронд. Хуб кардӣ, гуфт Абдурауф Фитрат, аз ту шоир намебарояд.

Шогирд бо аҳволе баромада рафт. Чанд вақт ба худ омада натавонист. Аз адабиёт дилмонда шуда буд. Вале боз ҳис мекард, бе шеърият наметавонад. Аз нав қалам ба даст гирифт. Бо чанд шеър дубора назди Фитрат рафт.

– Ҳмм, – гуфт Фитрат ба машқҳо нописандона нигариста. Ва нохост:

– Во, – гуфт ӯ ҳаяҷономез, – дар ана ҳамин ҷойи шеърат як чиз ҳаст.

Ҳамид Олимҷон нафаси сабук кашид. «Хайрият-э!»

Фитрат ҳамон рӯз ду шеъри Ҳамид Олимҷонро интихоб кард. Гуфт:

– Аз ту шоир намебарояд гуфта хато мекардаам аз афт. Мешавӣ! Лекин агар дар болои худ кор кунӣ, баирода бошӣ, – мамнунии вай низ ҳис мегашт. Дар ин гуна ҳолатҳо кайфияти устод ба савияи эҷодии шогирд вобаста аст. Чизе ба чашмаш дурахшад, кӯдаквор хурсанд мешавад.

Дере нагузашта Ҳамид Олимҷон чун шоир ном баровард. Вай акнун дар сахтгирии ҳар устод ҳикмате медид. Фитрат бошад бинобар дар кашфи истеъдоди тозае саҳм доштанаш ба худ ифтихор менамуд.

«ФОТИҲА» ДАР ҚӮҚАНД

Ба ду олими ҷавон гуфтанд:

– Ба назди устод Чархӣ равед. Вай манбаи зинда, маълумоти зиёд гирифтанатон мумкин.

Олимҳо Чархиро аз наздик мешинохтанд, ӯро устод мешумурданд. Бо ҳамин баҳона мӯйсафедро хабар мегирем, гуфта ба роҳ даромаданд. Поезд субҳдам ба Қӯқанд расид. Олимаҳо аз бозор нон ва меваҷот гирифтанд. Онҳоро дида, чашмони мӯйсафед барқ зад:

– Духтарҷонҳом-ку? Тошканд дар ҷояш?

Меҳмонҳо нишастанд. Якдигарро ҳолпурсӣ намуданд.

– Чӣ бардошта омадед, асалҳом? Овора шудаед.

– Оворагиаш ҳаст-мӣ, устод? Ҳамроҳ нонушта мекунем. Примус доштед-а? Ман чой гузорам.

Чунин гуфт яке аз бонувон ва ба сӯйи ошхона роҳ пеш гирифт.

– Кайҳо боз якдигарро надидаем, – ба меҳмони дувум рӯй оварда соҳибхона. – Ширинҷон, хонагиҳо дуруст?

– Шукр, устод, шукр. Аз худатон пурсем. Эҷод чӣ хел? Монда намешавед?

Вақте Чархӣ аз пирӣ шикоят мекард, ҳамон, ки чойгузорӣ баромада буд, баргашт ва омада нишаст.

– Духтарҷон, шумо чӣ хел? – ба вай нигарист мӯйсафед. – Бачаҳо калон мешаванд? Домод сиҳат-саломат?

Олим даступо хӯрд. Зуд худро ба даст гирифт ва:

– Домод нест. Рафт, – гуфт бо нимтабассум.

– Рафт? Яъне...

– Э, напурсед, – ба замин нигарист меҳмон.

– Қазо кард?

– ...

– Ба раҳматаш гирифта бошад, – гуфт устод дар вазъе, ки изтироб ба гунааш панҷа мезад. – Нашунида мондаам-а.

Баъд ӯ чорзону нишаст, чашмонашро пӯшид ва «Аъузу биллаҳи...»

Мӯйсафеди содадил оят қироат мекард, онҳое, ки наздаш менишастанд, лаб газида ва бо илоҷе хандаи худро фурӯ менишонданд. «Худоҷон, шармандаи накун!», мегуфтанд дар дил.

– Омин! Илоҳо...

Даст ба рӯ кашиданд. Миеле дар болои хор нишаста бошанд, меҳмонҳо бетоқатӣ доштанд.

– Домулло, ба мо рухсат, – ҳарду баробар хестанд ва худро ба дар заданд.

– Э, меравед? Барои чӣ? Алавгирӣ омада будед? Нонушта мекунем гуфта будед!

– Дафъаи дигар, – аранг овози онҳоро шунид мӯйсафед.

Вай, бечора, чӣ қадар хурсанд шуда буд-а. Лекин «духтарҷонҳош» чӣ кор карданд? Ҳамин ҳам омадан?

«Ё тавба,ё тавба!» – сахт мулзам ба назар метофт домулло Чархӣ.

Меҳмонҳо миеле гурехта, аз ҳавлии Чархӣ дур мешуданд. Баланд-баланд механдиданд.

– Барои чӣ ин хел гуфтӣ?

– Чӣ хел мегӯм, ки ҳанӯз шӯ накардаам?

– Лекин... «рафт» нагуфтан даркор буд.

– «Рафт» гуфтам ҳазл карда. «Мурд» нагуфтам-ку. Ман аз куҷо донам...

Диссертатсия! Туро гуфта, хонадоршавиро ба таъхирандозии фидоиёни илм каманд? Яке аз онҳо – ҳамин олима. Ҳамсиннҳояш чанд бачадор!

– Ҳазл накарда мон. Базӯр худамро доштам. Дар болои қироат хандида фиристам чӣ мешуд?

– Ман-чӣ, ман? – ҳамон механдид ва ашк пок мекард олимадухтар.

– Акнун чӣ кор мекунем?

– Чӣ кор кунем? Гашта дароем?

– Чӣ хел медароем?

– Фотиҳахонӣ не, материалғундорӣ омадем охир. Медароем.

– Э, духтар, ақлат дар ҷояш? Хайрухуш кардем-ку. Домодҷон «нарафта» монанд,э.

Муҳаммадҷон ШОДӢ.

Акси садо

ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНИИ КИТОБИ ДАРСӢ ҲАСТ, АММО...

Баъд аз мутолиаи мақолаи «Китобҳои дарсӣ кай дастрас мегарданд?»-и хабарнигори «Овози тоҷик» Фаридуни Фарҳодзод («Овози тоҷик», 16 ноябр соли 2024 № 92) хостам мулоҳизаҳоямро иброз намоям. Муаллиф воқеан масъалаи муҳимеро ба миён гузоштааст, ки имрӯзҳо ҳамаи омӯзгорон ҳалли ин мушкилро интизоранд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир дар соҳаи таълим ислоҳот ва навгониҳои шоёни таҳсин амалӣ гардидаанд, ки ин ҳамаро наметавон нодида гирифт. Аҳли маориф ин тағйироти мусбатро, ки бевосита таҳти роҳнамоии Сарвари давлат амалӣ мегарданд, хуш мепазиранд. Инчунин хуб дарк менамоянд, ки омодасозии китобҳои дарсӣ душвориҳо дораду кори масъулон дар ин самт лоиқи эътироф аст.

Аммо яке аз мушкилоте, ки тӯли ду-се соли охир боиси нигаронии мо, омӯзгорони мактабҳо мегардад, сари вақт дастрас нагардидани китобҳои дарсӣ мебошад.

Муаллиф дар оғози мақола дуруст таъкид мекунад, ки «Роҳандозии таълими босифат дар мактабҳо, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама бо китобҳои дарсӣ ҳамбастагӣ дорад. Таҳкурсии донишу тачрибаи донишомӯзон бошад, маҳз дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад... Маҳз дар ҳамин давр дар дили хонандагон нисбат ба мактабу донишандӯзӣ меҳру муҳаббат ва ба хондан завқ бедор кардан, барои муваффақияти минбаъдаи онҳо замина мегузорад».

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки китобҳои дарсӣ суратан ва сифатан қобили қабуланд. Вале ҳоло дар мактабҳо омӯзгорон аз сабаби дастрас набудани баъзе китобҳои дарсӣ, аз ҷумла, «Адабиёт» барои синфи 10, «Таърихи Ӯзбекистон», «Таърихи ҷаҳон», «Ҳуқуқшиносӣ» барои синфи 8 ва дигарро аз шакли электронӣ истифода мебаранд.

Дуруст, ки шакли электронии китобҳо ҳастанд, аммо китоб нест. Яъне донишомӯз ва волидон мегӯянд, ки «Чаро аз баъзе фанҳо китоб намедиҳед?» Дар мавриди ҳамин ва дигар саволҳое, ки перомуни китобҳои дарсӣ ба миён меоянд, бояд масъулон фикр кунанд ва аз пайи ҳалли онҳо бошанд.

Чунки дар даст доштани китоб як қатор афзалиятҳо дорад. Якум, китоби дарсиро хонанда ҳама вақт бо худ мегираду меҳонад. Дувум, бобати аз худ кардани дарсҳо аз онҳо бештар истифода мекунад, ки барои сифати дарс низ таъсир мерасонад. Сеюм, донишомӯз китоби дарсиашро дар синф ва дар назди падару модараш барои дарстайёркунӣ истифода мебарад. Инчунин мавҷудияти китоби дарсӣ завқмандии донишомӯзро ба китоб бештар мекунад ва волидон низ онро мехонанд. Ҳатто дар атрофи ин ё он мавзӯъҳои китоб баҳс ҳам мекунанд.

Агар китобҳои хушсифати электронӣ дар шакли китоб тезтар чоп гардида, ба донишомӯзон дастрас шаванд, нуран ало нур мегардид. Зеро суръат бахшидан ба ин раванд, танҳо барои камолоти фарзандони халқу Ватан, донишҳои замонавиро беҳтар омӯхтани онҳо мусоидат мекунад.

Ҳ. РАҲМАТОВ, омӯзгор.

Вилояти ФАРҒОНА.



БИНОИ НАВИ МАКТАБ

Мактаби таҳсилоти умумии рақами 18-уми ноҳияи Рометани вилояти Бухоро дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шӯрча»-и ҳудуд воқеъ гардидааст.

Азбаски шумораи аҳолӣ сол аз сол меафзояд, дар ин таълимгоҳ ба ду баст сурат гирифтани ҷараёни таълиму тарбия ҳам барои аҳолӣ ва ҳам барои ҷамоаи мактаб як андоза душворӣ пеш оварда буд. Сари сол барои бартарафсозии ин мушкилӣ азму кӯшиш ба амал омад. Дар натиҷа аз ҳисоби маблағи сармояи маҳаллӣ бинои нави сеошёнаи иловагӣ барои 450 нафар хонанда қад боло кард. Барои ин 3 миллиарду 968 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Бинои нави таълимӣ ва толори варзишро бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Умарбобо» сохта, омодаи истифодабарӣ карданд.

Дар маросими ифтитоҳи бинои нав намояндагони ҳокимияти ноҳия, ҷамоатҳо, собиқадорони меҳнат, фаъолони маҳалла, мутасаддиёни соҳа иштирок намуда, падару модарон ва ҷамоаи мактабро бо комёбии табъи дил муборакбод карданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Таърихи диёрро меомӯзем

ҶИЗЗАХ

Ҷиззах номи шаҳр ва маркази маъмурии вилояти Ҷиззахи Ӯзбекистон буда, дар шафати дарёи Сангзор воқеъ гаштааст. Он аз ҷумлаи шаҳрҳои куҳани Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар ин бора сайёҳ ва ҷуғрофи араб Ёқути Ҳамавӣ дар «Муъҷам - ул - булдон» ном асараш чунин навиштааст: «Дизак аз шаҳрҳои Ушрусана (Истаравшан) буда, Абдуазиз ибни Муҳаммад ал-Дизакӣ дар шаҳри мазкур зиндагӣ кардааст».

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои боварибахш, номи қадимаи он дар асл Дизак буда, сонитар ба Ҷиззах табдил шудааст. «Дизак» калимаи суғдист ва аз ҷузъҳои «диз» ва «ак» шакл гирифтааст. «Диз» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Маскав, соли 1969, ҷилди 1, саҳифаи 369) ба маънои «қалъа, ҳисор, қӯрғон» маънидод шудааст.

Ин нукта дар китоби «Жиззах вилояти топонимлари» («Топонимҳои вилояти Ҷиззах»)-и доктори улуми ҷуғрофия, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах Кучқор Ҳакимов низ таъкид мегардад.

Калимаи «диз» дар забони саромадони адабиёти форсу тоҷик бисёр ба чашм мерасад. Масалан, Фахрии Гургонӣ фармудааст:

Кашон аз диз ба лашкаргоҳ бурдаш,
Ба наздикону ҷондорон супурдаш.

Ё худ:

Дизи Ашкафт бар кӯҳи калон буд,
На кӯҳе буд, бурҷе з-осмон буд.

Ҳамчунин муаллифи «Ҷомеъ-ут-таворих» Рашидиддини Фазлуллоҳ менависад:

«Ӯ бозгашт ва ба ҳар дизе лашкаре фиристод, мутеъ шуданд ва дизҳо ба вай таслим карданд».

Калимаи «диз» дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ бештар дар шакли «диж» вомехӯрад, чунончӣ:

Зи дарвозаи диж яке тан бурун,
Наёмад, ҳамедун нарафт андарун.

Ҳамчунин диз ва диж дар калимаҳои «дизбон», «дижбон», (нигаҳбони қалъа), «диздор», «диждор» (сардори қалъа) ва номи шаҳри Қундуз (Куҳандиз, қалъаи кӯҳна)-и Афғонистон мақом дорад.

Собир ЭРГАШЕВ,
омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах.

НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ НУФУЗИ БЕШТАР ПАЙДО МЕКУНАД

Дар шаҳри Тошканд 29-умин Ярмаркаи байналмилалии туризм таҳти унвони «Туризм дар Роҳи абрешим» баргузор гардид. Ба ҳайси ташкилкунандагони он Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, Кумитаи туризм, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази PR» ва ширкати «Team & Co Group» ва ҳамкори он Ширкати миллии ҳавопаймоии «Ӯзбекистон ҳаво йӯллари» муаррифӣ гардиданд.



Раиси Кумитаи туризм Умед Шодиев дар маросими ифтитоҳи он гуфт, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон соҳаи туризм ба таври назаррас рушд менамояд, фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар он ба таври назаррас беҳтар мегардад.

– Фаъолияти тамоми ҷабҳаҳои туризми мамлакат шакли оптималиро касб менамояд. Барои сохтани меҳмонхонаҳои нав, ҷалби брендҳои меҳмонхонаҳои байналмилалӣ ва ташкили парвозҳои чартер, ки ҷалби бештари сайёҳонро таъмин мекунад, корҳои муайян анҷом дода шуданд, – изҳор намуд Шодиев.

Ба таъкиди ӯ корҳои роҳандозишуда самараи калон медиҳанд. Сайёҳони хориҷӣ ба мамлакати мо сол то сол меафзоянд. Танҳо соли 2023 ин рақам ҳудуди 7 миллионро ташкил дод ва имсол тамоми имконот барои он сафарбар шудаанд, то ки ин рақам ба 10 миллион расад.

Маълум шуд, ки намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тошканд, ки аз соли 1995 ба ин сӯ бо дастгирии Созмони ҷаҳонии гардишгарии Созмони Милали Муттаҳид баргузор мешавад, роҳбарону коршиносони соҳаи мазкурро гирди ҳам овардааст. Ҷуғрофия ва доираи иштирокчиёни ин ярмарка сол то сол васеъ мегардад. Имсол аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Русия, Беларус, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Ҳиндустон, Куриё, Гурҷистон, Чехия, Бразилия, Олмон ва амсоли он созмонҳои сайёҳӣ, соҳибкорону корчаллонҳо, ширкатҳои ҳавонавардӣ, оҷонсиҳои бимавӣ, меҳмонхонаҳо иштирок карданд, ки шумораи иштирокчиён ва меҳмонони тасдиқшуда беш аз 15 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дарвоқеъ, намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тошканд бузургтарин чорабинии иттилоотӣ арзёбӣ гардид, ки маҳсулоти сайёҳиро таблиғ мекунад ва робитаҳои корӣ ва ҳамкориҳои судмандро барқарор менамояд. Гуфта мешавад, дар давоми се даҳсолаи охир TITF худро яке аз чорабиниҳои ҷолибтарин дар соҳаи сайёҳӣ муаррифӣ намуда, бузургтарин чорабинии Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад.

Хусусияти вижаи TITF-2024 иштироки экспонентҳои нав аз минтақаҳои Федератсияи Русия, аз қабили Ҷумҳурии Олтой ва вилояти Владимир, инчунин ширкатҳои нав аз Гурҷистон, Чехия ва Олмон хоҳад буд. Ин ширкатҳо дар якҷоягӣ бо намоишгоҳҳо дар самтҳои нав, аз ҷумла саёҳат, ҳузури байналмилалиро дар намоиш ба таври назаррас васеъ мекунанд ва имкониятҳои беназири шабакавӣ ва шарикиро фароҳам меоранд.

Инчунин, дар соли ҷорӣ иштироки Вазорати фарҳанг ва сайёҳии Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳим мебошад, ки дар чаҳорчӯби TITF-2024 бори нахуст дар зери павилони миллии Чин муаррифӣ мешавад. Ҳузури онҳо дар TITF 2024 аҳамияти афзояндаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва фарҳангро таъмин менамояд, инчунин барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон ва Чин имкониятҳои нову тозаро фароҳам меоварад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Рӯйдоди фарҳангӣ

БУЗУРГДОШТИ БУЗУРГОН

Имрӯзҳо Мустафо Бафоевро хамчун бастакори номдор на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар бисёр мамлакатҳои хориҷӣ хуб мешиносанд ва асарҳои ӯро бо самимияти ба худ хос мепазиранд. Эҷодиёти бастакории ӯро бидуни санъати овозхонӣ бо ҷӯрнавозии оркестри симфонӣ ва халқӣ тасаввур карда наметавонем. Солҳои охир бастакор ба асарҳои таърихӣ бештар рӯ оварда, дар бораи қаҳрамонони таърихӣ асарҳо эҷод кардааст. Аз ҷумла операҳои «Аллома», «Умари Хайём», «Осмони ишқи ман», «Ибни Сино», «Борбад», «Алишер Навоӣ» ва ғайра манзури тамошобинон гаштаанд.

Дар Театри калони давлатии академии ба номи Алишер Навоии пойтахт операи «Алишер Навоӣ», ки беҳтарин асари симфонии бастакор ба шумор меравад, намоиш дода шуд. Ин асари нотакрор ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва мутафаккир Алишер Навоӣ бахшида шуда, дар он муколамаи Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Бойқаро ва Алишер Навоӣ низ инъикос ёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки бузургон на танҳо масъалаҳои муҳими замони худро баррасӣ кардаанд, балки дӯстӣ, эҳтироми забону миллат, муҳаббат, хирад ва маънавиятро ба ҳам пайвастаанд, ки ин асари таърихӣ ба насли наврас аҳамияти тарбиявӣ дорад. Бинанда боз як бори дигар симои мутафаккирони бузург – Абдураҳмони Ҷомӣ (Шукур Ғафуров), Алишер Навоӣ (Рустам Алимардонов), Ҳусайн Бойқаро (Ҳотам Йӯлдошев), Хадичабегим (Азиза Муҳамедова) ва дигаронро пеши назар оварда. Бори дигар бо ҳаёти ҳамондавра, ҷабру зулм ба халқи одӣ, фитна, туҳмат, хиёнат барин ноадолатиҳо ошно гардид. Ин асари М. Бафоев ба 610-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ туҳфаи муносибе гардид.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Лоиҳаи «Макони сабз», ки се сол пеш бо ташаббуси Сарвари давлат шурӯъ гардид, ба як ҳаракати мардумӣ табдил ёфт. Мардум хуб дарк намудаанд, яке аз васоили муҳимтарини бартараф намудани мушкилоти экологӣ, яъне чораи ҳифзи муҳити зист ниҳолшинонӣ ва кабудизор намудани заминҳои холии кишвар аст.

БОҒИ НАВОӢ БУНЁД МЕГАРДАД

Ниҳолу бутташинонии тирамоҳӣ низ ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин маъракаи муҳим аз 7 то 70-сола бо рӯҳбаландӣ ширкат доранд.

Чорабинии ниҳолшинонӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Навоӣ идома дорад. Тадбире, ки дар маҳаллаи Маликободи ноҳияи Қизилтепа баргузор гардид, ба ҳашари умумивилоятӣ шабеҳ дошт. Дар маъракаи ниҳолшинонӣ ҳокимони шаҳру ноҳия, фаъолон, ҷавонон ва намояндагони мардумии вилояти Навоӣ иштирок намуданд. Дар ин ҷо таҷрибаомӯзии роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят сурат гирифта, барои дар майдони 101 гектар барпо намудани боғи «Алишер Навоӣ» асос гузошта шуд. Дар боғ 100 ҳазор ниҳоли ороишӣ ва бутта шинонида мешавад.

Боғи мазкур туҳфаи арзандаест барои соли 2025, ки дар вилоят чун «Соли Алишер Навоӣ» пазируфта шудааст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Навоӣ.

«МЕҲРИБОН», «ҲУРАМ», «БЕКЗОТ», «МОҲИСАР»...

Аҷаб нест, ки баробари хондани сарлавҳа аксар дар ҳайрат афтода бошанд. Росташ худам ҳам вақте дар рӯйхати алоқаҳои мобилӣ, яъне «контакти телефон»-и ин ё он нафар нодуруст сабт гардидани номҳоро мебинам, ҳайрон мешавам. Ғалатнависӣ дар интернетро нагӯем ҳам мешавад. Чунки чунин ҳолат дар фазои маҷозӣ ба маъное одати маъмулӣ шудааст.

Мулоҳиза

Аксар корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ барои худ «қоида»-е доранд: дар интернет хато навиштан мумкин аст. Бо ин баҳона, ғалатнависӣ дар шабакаҳо то ҳадде доман паҳн кард, ки истифодабарандагон ҳатто дар навиштани маъмултарин калимаҳо иштибоҳ мекунанд. Инак, мо ба дараҷае расидем, ки ҳатто номи худ ё дӯсту наздиконамонро дуруст навишта наметавонем. Масалан, ба ҷойи «Маҳмуд» – «Махмут», ба ҷойи «Хуррам» – «Хурам» ё ба ҷойи «Моҳизар» – «Моҳисар» менависем. Номҳои «Азам» (Аъзам), «Бекзот» (Беҳзод), «Супхон» (Субҳон), «Сайит» (Саид), «Мехрибон» (Меҳрубон), Мухайо (Муҳайё), Шахило (Шаҳло), Феруз (Фирӯз) ва ғайра низ аз ин гурӯҳанд. Бубинед, ки дар натиҷаи ғалатнависӣ чӣ қадар номҳои созгор, гӯшнавоз, дилрасу дилнишин, мазмуну муҳтавои худро гум карда, ба худ маънои «нав» гирифтаанд ва гӯшхарош шудаанд. Савол ба миён меояд: ин чӣ сабаб дорад? Чаро мо одитарин калимаҳоро ва ҳатто номҳоро хато менависем?

– Ғалатнависӣ як қатор сабабҳо дорад, ки яке аз муҳимтарини онҳо бо таълим вобаста мебошад, – гуфт тарҷумони касбӣ Мавлон Мамарасулов. – Чунки наврасон ҳангоми мактабхонӣ дурустнависиро наомӯзанд, минбаъд омӯхта наметавонанд. Аз ин рӯ, мо бояд дар бачаҳо аз хурдсолӣ чунин малакаро ташаккул диҳем. Аммо ин ҷараёне нест, ки танҳо дар мактаб амалӣ гардад. Барои ин падару модарон ҳам масъуланд. Онҳо дар хона бо фарзандонашон якҷоя китоб хонанд, аз онҳо диктант гиранд ба фоидаи кор аст. Нависандаи рус Александр Герсен барҳақ гуфтааст, ки «Таълими бидуни мутолиа ҳеҷ аст». Вақте мутолиа намекунем, ба ҷое намерасем. Натиҷае ба даст намеояд.

Мавсуф зикр кард, ки дар ин раванд тағйир додани методҳои корбарӣ ва баррасии эҳтиёҷоти ҷавонон низ аҳамият дорад. Бо ҳамин роҳ метавон сатҳи саводнокии ҷавононро беҳтар кард. Дар ин ҷода баробари тарғиби мутолиа, афзунсозии теъдоди адабиёти босифат муҳим аст. Чунки онҳо аз китобҳо шакли саҳеҳи калимаҳоро мехонанд ва бо тарзи дурусти навишти он ошно мешаванд.

– Ҳоло аксар маълумотро аз Интернет мегиранд, – афзуд М. Мамарасулов. – Дар шабакаҳо ҳама ҳар хел менависанд. Ҳатто дар саҳифаҳои расмии баъзе корхонаву ташкилотҳо гоҳо ба ғалат роҳ медиҳанд. Дар натиҷа корбар чанд тарзи навишти як калимаро мебинад ва дар интихоби варианти дуруст душворӣ мекашад. Аз ин рӯ, бобати ташаккули таҷрибаи бегалат навиштан, шабакаҳои иҷтимоӣ ба мо ҳеҷ чиз намедиҳанд. Дониши ҳақиқиро мо аз китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо мегирем. Одамоне, ки бисёр китобу газета мехонанд, кам хато мекунанд.

Бино ба таъкиди тарҷумон сабаби дигари ғалатнависӣ тағйир ёфтани алифбо аст, ки хеле таъсиргузор мебошад. Мардуми давлатҳое, ки алифбои худро иваз накардаанд, саводноктаранд. Дар навишт кам саҳв мекунанд ва бидуни мушкилӣ фикри худро баён менамоянд. Дар давлатҳое, ки хати худро тағйир додаанд, баръакс. Инчунин, эҳтиром ба забон низ дар ҷода аҳамият дорад.

– Агар инсон забонашро дӯст дорад, онро арҷ гузорад, барои бехато навиштан ҳаракат мекунад, – хулоса кард М. Мамарасулов. – Чунки забон оинаи мост. Аз рӯйи нутқ ва тарзи навиштамон ба мо баҳо медиҳанд. Шахсияти моро мешиносанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама ҷавононро дар руҳияи муҳаббат ба забони модарӣ тарбия кунем. Ин меҳр асосан дар муҳити хонавода ташаккул меёбад. Мо бояд дар оила ба фарзандонамон моҳияти забондӯстиро фаҳмонем. Онҳо донанд, ки забони худро гум кардани халқ, монанди решаи худро аз даст додани дарахт аст. Яъне хушк мешавад, аз байн меравад. Фаҳманд, ки забони модарӣ забонест, ки инсон бо он нафас мекашад.

Дар ҳақиқат, нуфузи як миллат бо арзиши забони он муайян мешавад. Гоҳо мумкин аст, ки ба баъзе масъалаҳо бетаваҷҷӯҳӣ намоем. Лекин дар масъалаи забон бепарво будан нашояд. Чунки забон ин ҳастии халқ, сарват ва мавҷудияти он аст. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки забони худро дӯст дорем, эҳтиром кунем, ҳифз намоем ва чун як шахси зиёӣ ҳамеша қоидаҳои имлоро риоя карда, дуруст нависем. Ин малака бошад, бо роҳи бисёр хондан, худомӯзӣ ва омӯхтани қоидаҳои имло такмил меёбад. Чунки чӣ қадар бисёр хонем, шакли дурусти калима дар пеши назари мо таҳнишин мешавад ва ҳангоми навиштан пеши рӯ омада, дуруст менависем.

Шояд ин масъала дар назари аввал беаҳамият ё майдакорӣ намояд. Аммо фатҳи марраҳои бузургтарин ҳам, аз қадамгузориҳои хурд оғоз мешаванд. Аз ин рӯ, умед дорем, ки ҳоло телефонро мегиреду рӯйхати алоқаи телефонро аз назар мегузаронед. Хатоҳоро як-як ислоҳ намуда, минбаъд кӯшиш мекунед, то ҳар як паёми худро бегалату саҳеҳ нависед.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.